# Қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат дар Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 5 Июн, 2023 - 15:53
[1]

Дар асоси мактуби Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон рӯзи 1-уми майи соли 2023 бо мақсади бартараф намудани камбудӣ ва норасоиҳои Қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат дар Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» семинар баргузор гардид, ки дар он раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадҷонзода О.О., муовини раиси Кумита С. Раҳматуллозода ва мутахассиси пешбари бахши экспертизаи забоншиносӣ Азимов Ш.Н. иштирок намуданд.

Семинарро директори муассиса Холиқзода А.Ғ. ҳусни ифтитоҳ бахшида, сипас, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Муҳаммадҷонзода О.О. суханронӣ намуда, доир ба ҷанбаҳои ҳуқуқию меъёрии пешрафти забон ва махсусан, қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №268 оид ба «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» маълумот дода, нақши бузурги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро шарҳ доданд.

Баъдан перомуни таърихи пурғановати забони давлатӣ маълумоти кӯтоҳ пешниҳод карда таркиби луғавии бой доштани забони тоҷикӣ таъкид шуда, зикр карданд, ки мутаассифона, имрӯз дар коргузорӣ як қатор калима ва ибораҳо нодуруст истифода гардида, натанҳо боиси коҳиш ёфтани ҳусни матн, балки сабаби коста шудани услуби нигориш ва мазмун шуда истодаанд. Истифодаи бамавқеъ ва мантиқан дурусти калима боиси покиза нигоҳ доштани забон ва ба ин васила дар руҳияи забондонӣ, тарбият намудани насли наврас мегардад.

Иштирокдорон дар рафти семинар вобаста ба нозукиҳои қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ саволҳо пешниҳод намуда, посуххҳои мушаххас ва қонеъкунанда гирифтанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки чунин вохуриҳо ҷиҳатиислоҳи камбудиҳои навишторӣ мусоидат мекунанд, пешниҳод шуд, ки дар оянда низ ташкили ҳамин гуна семинарҳо манфиатовар аст.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 4.5 (6 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

-

[5]

- 

[6]

-

[7]

•

[8]

-

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/koidakhoi-imlo-va-alomatkhoi-kitobat-dar-muassisai-davlatii-markazi-islomshinosi-dar-nazdi?mini=2026-02

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG_20230501_094407.jpg [2] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20230501_094042.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20230501_094049.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20230501_094104.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20230501_094112.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20230501_094114.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20230501_094407.jpg